# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

БАРНОМАИ
ТАЪЛИМИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ “МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ”

**Душанбе – 2023**

Бо қарори Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф № 11/39, аз 30.11.2023 тасдиқ шудааст.

**Мураттиб:**
**/С. Самадӣ/** - ходими калони илмӣ, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии ДҶТИБКСМ.
**Ё. Шермуҳаммадзода-(н.и.ф.) - м**уовини ректор оид ба корҳои таълимию методии ДҶТИБКСМ

**Муҳаррир: Ҳ. Ҳалимова -** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии ДҶТИБКСМ.

**Муқарризон: И.Давлатшоев**- ходими калони илмии шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ
**Б. Ҳайдаров**- мутахассиси МҶТМ

Барномаи таълимии мазкур дар асоси стандартҳои фанни "Маърифати оиладорӣ" таҳия гардидааст. Он алоқамандии пайвастаи машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд.

Дар барнома оид ба навгониҳо, роҳҳои истифодабарии усулҳои фаъоли муосири таълим, технологияи инноватсионӣ, эҷодкории хонандагон дар замони муосир, ҷараёни таълим ва корҳои инфиродӣ дар муносибати босалоҳият ба таълим аҳамияти махсус дода шудааст.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни "Маърифати оиладорӣ" тавсия мегардад.

# ПЕШГУФТОР

Барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси муаллимони фанни «Маърифати оиладорӣ» дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи касбинтихобкунии ҷавонони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.07.2009, №9/3 ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2016 № 237 мураттаб гардидааст.

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Маърифати оиладорӣ» дар ҳаҷми 54 соат (22 соат – назариявӣ, 32 соат – амалӣ) мураттаб гардидааст.

**Мақсади асосии барнома** баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни «Маърифати оиладорӣ» тавассути ошноӣ бо дастовардҳои нави илмӣ, роҳу усули нав ва фаъоли таълим мебошад. Шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар ҷараёни таълим аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, асноди меъёрӣ- ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, дастовардҳои нави фанни номбурда ва ғайра маълумот мегиранд. Онҳо дар рафти курс доир бо истифодаи усулҳои нави таълим ва воситаҳои иттилоотӣ огоҳӣ ёфта, роҳҳои истифода намудани онҳоро меомӯзанд.

Дар таҳияи барнома муносибати босалоҳият ба таълим ба инобат гирифта шуда, бештар методҳои интерактивӣ ҳамчун замина интихоб гардидаанд, зеро азхудкунии тарзу усули гуногуни таълим ва муқоисаи онҳо бо усули анъанавӣ ба шунаванда имконият медиҳад, ки барои баланд бардоштани маънавиёти хеш роҳҳои гуногунро интихоб кунад, то тавонад ба ин восита савияи дониши худро мукаммал ва афзун созад. Зимни омӯзиши фанни «Маърифати оиладорӣ» шунавандагон бо мафҳуми оила, мавқеъ ва вазифаҳои оила дар ҷамъият, никоҳ, ташкили оила, танзими муносибатҳои оилавӣ ва амсоли онҳо ошно мегарданд.

Шунавандагон бо вазифа ва мазмуни курс, роҳу усул ва шаклҳои гуногуни ташкили машғулиятҳо, зинаҳои гуногуни омӯзиш, робитаи фанни мазкур бо дигар фанҳо, методикаи омӯзиши мавзуъҳои «Пайдоиши оила ва давраҳои таърихии инишофи он», «Оила ва вазифаҳои ҷамъиятии он», «Танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ», «Ташкили оилаи ҷавон», «Муҳаббати марду зан- шарти асосии ташкили оила», «Муоинаи тиббии издивоҷкунандагон», «Никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он» ва амсоли инҳо бархурдор гардида, савияи дониши хешро боз ҳам баланд мебардоранд.

Дар рӯйхати адабиёти истифодашаванда адабиёти марбут ба мақсаду маром ва масъалаҳои таълими фанни «Маърифати оиладорӣ» дахлдошта тавсия дода мешаванд.

**1.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд.

**2.Мақсади таълим** – аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**3.Вақт** – ин ченаки эҳтимолие, ки барои ноил шудан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод мегардад.

**Талаботи барнома:**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни «Маърифати оиладорӣ» дар анҷоми курс салоҳиятҳои зеринро ташаккул дода метавонанд:

- дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи фанни фанни «Маърифати оиладорӣ», китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ – нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ таҳия менамоянд;
- методҳои муосири такмили малакаҳои хонандагонро дар самтҳои оила ва оиладорӣ, хусусиятҳои хоси ташкили оила, одоби муошират, тарбияи фарзанд, танзими оила, ва ҳифзи саломатӣ истифода бурда, дар асоси онҳо саволу супориш тартиб медиҳанд;
- навгониҳои дар соҳаи педагогика ва психология омӯхтаашонро дар амал татбиқ менамоянд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзуъҳои мухталифи маърифати оиладорӣ, мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимии муносибати бо салоҳият ба таълим нигаронидашуда, ба роҳ монда метавонанд;
- ҳангоми интихоби мавзуъҳо, арзишҳои ахлоқӣ, маърифатӣ, завқӣ, эстетикиро ба назар мегиранд;
- арзёбии фаъолияти адибони гузаштаву муосири тоҷик ва панду андарзи эшон дар бобати маърифати оиладориро меомӯзанд;
- дар асоси ҳамгироии рукнҳои маърифати оиладорӣ саволу супоришҳои таълимӣ таҳия карда, воситаҳои арзёбии онҳоро муайян мекунанд ва ҳоказо.

**Ҳар шунаванда баъд аз хатми курс бояд ба салоҳиятҳои зерин ноил гардад:**

- моҳияти сиёсати давлат дар соҳаи маорифро дарк намояд;
- фаъолияти касбии хешро бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ таҳлил карда тавонад;
- аз уҳдаи гузаронидани мониторонги сифати дониши хонандагон барояд;
- фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонад;
- барномаҳои таълимии иловагии фанни «Маърифати оиладорӣ» ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;
- саволномаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторинаро мустақилона тартиб дода, омода сохта тавонад;
- маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикии оид ба таълими фанни «Маърифати оиладорӣ»- бударо бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;
- дар асоси донишҳои назариявӣ таҳқиқот гузаронида тавонад ва ҳоказо.

Азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

**Нақшаи**
**таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони**
**фанни “Маърифати оиладорӣ”**

| **№** | **Қисматҳои барнома** | **Миқдори соат** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Назариявӣ** | **Амалӣ** |
| 1 | Тахассус, методикаи таълими фан | 54 | 22 | 32 |
| 2 | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3 | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4 | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5 | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6 | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | | **72** | **30** | **42** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни**
**“Маърифати оиладорӣ”**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| | | 54 | 22 | 32 |
| 1 | Фанни «Маърифати оиладорӣ ва вазифаҳои он» | 1 | 1 | |
| 2 | Барнома ва нақшаҳои таълимӣ аз фанни маърифати оиладорӣ ва роҳҳои истифодаи онҳо | 1 | 1 | |
| 3 | Китобҳои дарсӣ, асосҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва маводи методию таълимӣ аз фанни «Маърифати оиладорӣ» | 2 | 1 | 1 |
| 4 | Тарзи ташкили кабинети таълимӣ аз фанни маърифати оиладорӣ дар муассисаҳои таълимӣ. Вазифаҳо ва фаъолияти он. | 1 | | 1 |
| 5 | Методикаи гузаронидани чорабиниҳо (семинар, мизи мудаввар ва шабнишиниҳо) дар мавзуи оила, мақсад ва вазифаҳои онҳо) | 1 | | 1 |
| 6 | Тест ва нақши онҳо дар ҷараёни таълими фанни маърифати оиладорӣ | 1 | | 1 |
| 7 | Методикаи омӯзиши мавзуи пайдоиши оила ва давраҳои таърихии инкишофи он | 2 | 1 | 1 |
| 8 | Истифодаи усулҳои муосири таълим дар омӯзиши “Мавзуи оила ва вазифаҳои ҷамъиятии он” | 1 | | 1 |
| 9 | Методикаи омӯзиши танзими ҳуқуқи муносибатҳои оилавӣ | 2 | 1 | 1 |
| 10 | Методикаи омӯзиши мавзуи ташкили оилаи ҷавон. Муҳаббати марду зан-шарти асосии ташкили оила | 2 | 1 | 1 |
| 11 | Роҳҳои омӯзиши асосҳои ахлоқии муносибати ҷавонони | 2 | 1 | 1 |
| 12 | Тарзи омӯзиши мавзуи “ Роҳҳои омода | 1 | 1 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | намудани ҷавонон ба оиладорӣ” | | | |
| 13 | Методикаи омӯзиши мавзуи “Муоинаи тиббии издивоҷкунандагон” | 1 | 1 | |
| 14 | Методикаи омӯзиши мавзуи никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он | 1 | | 1 |
| 15 | Методикаи омӯзиши маросими гузаронидани никоҳ, баргузории тӯйҳои арусӣ ва пешгирӣ аз хароҷоти барзиёд | 2 | 1 | 1 |
| 16 | Роҳҳои омӯзиши мавзуи «Қатъ кардан ва беэътибор донистани никоҳ ва роҳҳои ҳалли он» | 2 | 1 | 1 |
| 17 | Роҳҳои омӯзиши мавзуи «Меҳнат, даромад ва низоми сарфу харҷ дар оила» | 2 | 1 | 1 |
| 18 | Методикаи таълими «Маърифати рӯзгордорӣ ва нигоҳдории манзил» | 2 | 1 | 1 |
| 19 | Роҳу усулҳои омӯзиши мавзуи «Муносибати зану шавҳари ҷавон» | 1 | | 1 |
| 20 | Методикаи таълими мавзуи «Муносибат бо падару модар ва аъзои оила» | 2 | 1 | 1 |
| 21 | Методикаи омӯзиши мавзуи «Тарбияи оилаҳои ҷавон дар рӯҳияи меҳмондорӣ ва меҳмоннавозӣ» | 2 | 1 | 1 |
| 23 | Методикаи омӯзиши мавзуи «Сабабҳои вайрон шудани оилаҳои ҷавон ва пайомадҳои ҷавонон» | 2 | | 2 |
| 24 | Усулҳои омӯзиши мавзуи «Роҳҳои пешгирии низоъ дар оила» | 2 | 1 | 1 |
| 25 | Методикаи омӯзиши мавзуи «Таваллуди фарзанд ва фароҳам овардани шароит барои рушди кӯдак» | 1 | | 1 |
| 26 | Методикаи омӯзиши «Психологияи кӯдак ва мушкилоти тарбия» | 2 | 1 | 1 |
| 27 | Методикаи омӯзиши мавзуи «Таълиму тарбия дар ташаккули тафаккур ва шахсияти кӯдак» | 2 | 1 | 1 |
| 28 | Методикаи омӯзиши мавзуи «Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | 2 | 1 | 1 |
| 29 | Методикаи омӯзиши мавзуи «Уҳдадориҳои фарзандон дар назди падару модар» | 4 | 1 | 3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 30 | Методикаи омӯзиши мавзуи «Танзим ва банақшагирии оила» | 1 | | 1 |
| 31 | Методикаи омӯзиши мавзуи «Бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ ва роҳҳои пешгирии онҳо» | 2 | | 2 |
| 32 | Омӯзиши истифодаи технологияи муосир дар ҷараёни дарсҳои фанни «Маърифати оиладорӣ» | 2 | 1 | 1 |
| 33 | Роҳу усули омӯзиши мавзуи «Фарҳанги издивоҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | | |
| 1. | Роҳу усули пешгирии ифротгароӣ (Экстремизм) дар аъзои оила | 4 | 1 | 3 |
| 2. | Методикаи омӯзиши мавзуи “Тарбияи оилаҳои ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ” | 2 | 1 | 1 |
| 3. | Роҳу усулҳои омӯзиши мавзуи «Меъёрҳои хушбахтӣ дар оиладорӣ» | 2 | 1 | 1 |
| 4. | Мазмун ва моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим | 2 | 1 | 1 |
| 5. | Проблемагузорӣ дар ҷараёни дарси “Маърифати оиладорӣ” | 2 | 1 | 1 |
| 6. | Роҳҳои истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар омӯзиши мавзуи «Оилаи солим – ҷомеаи солим» | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **14** | **6** | **8** |

**Мавзуи 1. Фанни «Маърифати оиладорӣ» ва вазифаҳои он.**

Мазмун ва моҳияти фанни «Маърифати оиладорӣ». Сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Роҳҳои фаҳмонидани моҳияти фанни «Маърифати оиладорӣ». Оила ва масъалаҳои муҳими ҷомеаи муосир. Мафҳуми оила ба маънои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ. Оила ҳамчун қадимтарин сохтори иҷтимоӣ дар таърихи инсоният. Мақоми оила дар пешбурди ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангии ҷомеа. Зарурати ташкил додани оила. Оилаҳамчун қисми муҳими иҷтимоии ҷомеа. Ҳамдигарфаҳмии зану шавҳар – талаботи асосии иҷтимоии оила.

**Мавзуи 2. Барнома ва нақшаҳои таълимӣ аз фанни маърифати оиладориӣ ва роҳҳои истифодаи онҳо**

Моҳияти барномаи таълими фанни «Маърифати оиладорӣ». Дастрасии омӯзгорон бо барномаи таълимӣ. Мувофиқати китобҳои таълимӣ ба барномаи таълимии фан. Аҳамияти барнома дар нақшагирии мавзуъҳои таълимӣ. Тарзи тартиб додани нақшаҳои таълими фаннии маърифати оиладорӣ.

**Мавзуи 3. Китобҳои дарсӣ, асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маводҳои методию таълимӣ аз фанни «Маърифати оиладорӣ»**

Муҳтавои китоби дарсии «Маърифати оиладорӣ», дастрасӣ ва таъминоти китобҳои дарсӣ ба хонандагон. Ҳолати таъмини дастурҳо ва маводҳои ёрирасони таълимӣ аз фанни маърифати оиладориӣ. Истифодаи асосҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ дар мавзуи оила. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастурҳои методӣ ва воситаҳои айёнӣ дар мавзуи маърифати оиладориӣ.

1. **Мавзуи 4. Тарзи ташкили кабинети таълимии фанни “Маърифати оиладорӣ” дар муассисаҳои таълимӣ. Вазифаҳо ва фаъолияти он.**

Ҷавобгӯи будани кабинети таълимии «Маърифати оиладорӣ» бо стандартҳои таълимӣ, номгӯйи таҳҷизоти зарурӣ дар кабинети таълимӣ. Нақши кабинети таълимӣ дар гузаронидани мавзуъҳои дарсӣ. Зарурияти мавҷудияти китобҳои дарсӣ, барнома, нақшаи таълимӣ, реферат ва корҳои эҷодӣ аз фанни таълимӣ. Феҳристи номгӯйи ҳуҷҷатҳои кабинети методӣ. Мавҷудияти лавҳаю расмҳо ва васоити техникӣ, видеопроекторҳо, слайдҳо ва фиттаҳо, компютер ва таҷҳизоти техникӣ дар кабинети «Маърифати оиладорӣ».

**Мавзуи 5. Методикаи гузаронидани чорабиниҳо (семинар, мизи мудаввар ва шабнишиниҳо) дар мавзуи оила, мақсад ва вазифаҳои онҳо)**

Чорабиниҳои маърифатӣ дар мавзуи маърифати оиладорӣ ҳамчун унсури муҳими мувваффақиятҳо. Роҳҳои ҳалли мушкилот дар мавзуи мазкур. Сиёсати гендерӣ яке аз мавзуъҳои муҳими мизи мудаввар. Нақшаи чорабиниҳо дар мустаҳкамшавии оилаҳо.

**Мавзуи 6. Тест ва нақши онҳо дар ҷараёни таълими фанни «Маърифати оиладорӣ»**

Мафҳуми тест. Тарзи тартиб додани тест аз фанни маърифати оиладорӣ. Намудҳои тест. Роҳҳои истифодаи тестҳо бо компютер. Нақши тестҳо дар азхудкунии дониш.

**Мавзуи 7. Методикаи омӯзиши мавзуи “Пайдоиши оила ва давраҳои таърихии инкишофи он”**

Истифодаи воситаҳои техникӣ, слайду лавҳаҳо барои нишон додани давраҳои асосии таърихи инкишофи инсоният. Истифодаи наворҳои таҳқиқотчиёни муосир. Методикаи истифодаи дастовардҳои илмии археология, этнография ва дигар илмҳо оид ба пайдоиш ва ташаккули оила. Пайдоиши моликияти хусусӣ, оила ва никоҳ. Вазифаҳои асосии оила дар давраҳои гуногун. Риояи қоидаҳои ахлоқ дар оила. Парастиш ва эътиқоти динӣ.

**Мавзуи 8. Истифодаи усулҳои муосири таълим дар омӯзиши мавзуи оила ва вазифаҳои ҷамъияти он**

Истифодаи методҳои муосири таълим дар омӯзиши мавзуи оила ва вазифаҳои он. Истифодаи методҳои муқоиса, мушоҳида ва ташхис дар оилаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигар. Муқоисаи давраҳои гуногуни оиладорӣ ва вазифаҳои он. Оилаи солим-ҷомеаи солим. Истифодаи слайдҳо, видеопроектор дар бораи ҳифз ва ҳимояи оила аз ҷониби давлат. Нақши таваллуд ва тарбияи фарзанд дар пешравии ҷомеа. Таълим ва тарбияи фарзанд яке аз вазифаҳои асосии оила. Методикаи муайян кардани муҳити оилавӣ ва таъсири он дар тарбия. Роҳҳои ба фарзанд фаҳмонидани арзишҳои миллӣ. Роҳҳои нишон додани мададу дастгирӣ ба наздикон, аҳамияти оила, тарбияи меҳнатдӯстӣ ва хоҷагидорӣ ба фарзандон. Методикаи гузаронидани суҳбату ҳикояҳо дар мавзуи оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, рӯзгордорӣ муносибат бо хешутабор, расму оин ва тарбияи оилаҳо аз боби шуҷоату ҷавонмардӣ.

**Мавзуи 9. Методикаи омӯзиши танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ**

Ба танзим даровардани муносибатҳои оилавӣ. Таҳти ҳимояи давлат қарор доштани оила ҳамчун асоси ҷамъият. Донистани қонун ва риояи он – асоси пойдории оила. Ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробарии амалигардонии онҳо», «Дар бораи ба қайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Никоҳи расман бақайдгирифташуда-асоси ташкили оила. Никоҳи ғайрирасмӣ. Шартҳои ақди никоҳ. Бастани ақди никоҳ дар идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ. Баробарҳуқуқии зану шавҳар дар оила, ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо. Ҳимояи ҳуқуқҳои модар ва кӯдак.

**Мавзуи 10 Методикаи омӯзиши мавзуи “Ташкили оилаи ҷавон. Муҳаббати марду зан-шарти асосии ташкили оила”**

Методикаи омӯзиши мавзуи ташкили оилаи ҷавон. Роҳҳои ташкили оилаи ҷавон. Муҳаббати марду зан- шарти асосии ташкили оила. Шинохтан ва эътирофи якдигар. Муносибатҳо дар асоси муҳаббат. Риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дар муносибатҳои якдигарӣ. Омӯхтани муносибати беғаразона ва ишқи пок. Фалсафаи муҳаббат. Ишқ. меҳвари асосии оила ва муносибати оилавӣ. Одоби муошират, ҳурмату эҳтиром ва садоқату вафодории ҷавонон. Муҳаббат ва рашк. Таҳаммулпазирӣ ва якдигарфаҳмӣ.

**Мавзуи 11. Роҳҳои омӯзиши мавзуи асосҳои ахлоқии муносибати ҷавонон**

Методикаи омӯзиши хулқу атвор, гуфтор ва рафтори ҷавонон заминаҳои рушди инсони бомаърифат. Одоби муошират. Одоби рафтор дар хона, муассисаи таълимӣ кӯча ва бозор: таҳлили муқоисавии он. Одоби қабули меҳмон, ба меҳмонӣ рафтан иззату ҳурмат. Ҳаёти оилавӣ ва муносибатҳои байниинсонӣ. Нигоҳ доштани сири оилавӣ. Хусусиятҳои хоси муносибати байни ҷавонон, анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои инсонӣ. Риояи қоидаҳои ахлоқ ва методҳои риоякунии ахлоқ аз ҷониби ҷавонон. Шарафу номус ва номи нек- муҳимтарин арзиш барои ҷавонони тоҷик: таҳлили муқоисавӣ. Шарму ҳаё-нишонаи ахлоқи неки ҷавонони тоҷик. Самимияти кӯмак ба дигарон, ҳидоят ба накукорӣ- хислатҳои неки инсонӣ. Таъсири муҳити ҷамъият ба меъёрҳои ахлоқӣ. Дин ва ахлоқ. Методикаи омӯзиши давраи балоғати ҷавонон. Муҳаббати тарафайн ва якҷониба, муҳаббати ғаразнок. Эҳтироми якдигар ва эҳтироми ҳиссиёти якдигар ҳангоми ҷудошавӣ.

**Мавзуи 12. Тарзи омӯзиши мавзуи “Роҳҳои омода намудани ҷавонон ба оиладорӣ”**

Ба эътибор гирифтани синни никоҳӣ. Муҳаббат- шарти асосии ташкили оила. Эҳсоси масъулият дар ташкили оила, эҳтироми ҳамдигарии зану мард. Ҳамдигарфаҳмӣ- асоси устувории оила. Нигоҳ доштани одобу ахлоқ дар муносибатҳои оилавӣ.

**Мавзуи 13. Методикаи омӯзиши мавзуи муоинаи тиббии издивоҷкунандагон**

Методикаи омӯзиши солимии ҷомеа. Солимии ҷомеа, мақсад ва вазифаи асосии давлат, тарзи дуруст ба роҳ мондани муоинаи тиббии издивоҷкунандагон. Муоинаи тиббӣ-сирри тиббӣ Муоинаи тиббӣ-гарави солимии оила ва ҷомеа. Ғамхорӣ ба саломатӣ - омили асосии солимии инсон, ақли расо, қобилияти баланд, пешрафти илмию эҷодӣ барои ҳаёти хубтару беҳтар.

**Мавзуи 14. Методикаи омӯзиши мавзуи никоҳи хешу таборӣ ва оқибатҳои он.**

Методикаи омӯзиши мавзуи никоҳи хешу таборӣ. Тафсири қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи никоҳи хешони наздик». Ақидаҳои мутахассисони тиб ва аҳли илм дар бораи никоҳи хешони наздик ва оқибатҳои он. Нигоҳ доштани оилаи солим вазифаи муқаддаси зану шавҳар.

**Мавзуи 15. Методикаи омӯзиши маросими гузаронидаи никоҳ, баргузории тӯйҳои арусӣ ва пешгирӣ аз хароҷоти барзиёд.**

Никоҳ ва ҷомеа.Таснифоти никоҳ дар давраҳои гуногуни таърихӣ. Никоҳ-шарти зарурии ташкили оила. Никоҳ-иттифоқи озод ва баробарҳуқуқии байни зан ва мард. Хусусиятҳои фарққунандаи никоҳи расмӣ ва динӣ. Якканикоҳӣ-принсипи асосии давлати демократӣ. Муҳлати пешниҳоди ариза аз тарафи издивоҷкунандагон ба мақомоти сабти асноди ҳолати шахрвандӣ. Риояи расмияти никоҳ дар мақомоти сабти асноди шаҳрвандӣ. Риояи талаботи қонунгузорӣ дар чорабиниҳои арусию домодӣ. Анъана ва расму оинҳои миллӣ дар тӯйи арусӣ. Хароҷоти барзиёд-зарари оила. Хусусиятҳои хоси тӯйҳои ҳозиразамон. Ҳамдигарфахмии тарафҳо дар гузаронидани тӯйҳо.Роҳҳои камхарҷ гузаронидани тӯйҳои арусӣ.

**Дарси амалӣ-** Фикру ақидаҳои шунавандагон оид ба маросими гузаронидани никоҳ, баргузории тӯйҳои арусӣ ва пешгирӣ аз хароҷоти барзиёд (аз таҷриба).

**Мавзуи 16. Роҳҳои омӯзиши мавзуи “Қатъ кардан ва беэътибор донистани никоҳ ва роҳҳои ҳалли он.**

Истифодаи методҳои фаъол дар таълими мавзуъ. Асосҳои қатъ гардонидани никоҳ, таҳлил ва ташхис. Қатъ гардидани никоҳ аз нигоҳи дин. Роҳҳои бекор кадани акди никоҳ. Оқибатҳои бекор кардани акди никоҳ. Одоби муоширaт пеш аз бекор кардани акди никоҳ ва баъд аз он. Тақсимоти молумулкии якчояи ҳамсарон, муайян кардани алиментиi фарзанд ва муомилаи минбаъдаи онҳо барои ояндаи кӯдак.

**Дарси амалӣ-** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба қатъ кардан ва беэътибор донистани никоҳ ва роҳҳои ҳалли он (аз таҷриба).

**Мавзуи 17. Роҳҳои омӯзиши мавзуи “Меҳнат, даромад ва низоми сарфу харҷ дар оила.**

Мафҳуми меҳнат. Нақши меҳнат дар беҳтар гадидани некӯаҳволии оила. Шаклҳои меҳнат. Меҳнати якҷояи зану шавҳар. Буҷети оила. Сарчашмаҳои даромади оила. Банақшагирии буҷаи оила. Даромад ва хароҷот дар муносибати оилавӣ. Роҳҳои дар меҳнат тарбия додани фарзандон ва нақши он дар ташаккули шахсияти онҳо. Меҳнати якҷояи оилавӣ ва роҳҳои ҳунаромӯзӣ. Таъмини ғизо ва табобату истироҳат дар оила.

**Дарси амалӣ-** Фикру ақидаҳои шунавандагон оид ба мавзуи “Мехнат, даромад ва низоми сарфу харҷ дар оила” (аз таҷриба).

**Мавзуи 18. Методикаи таълими “Маърифати рӯзғордорӣ ва нигохдории манзил”.**

Тарбияи эстетикӣ ва муносибати зебопарастӣ ба зиндагӣ. Ташкили эстетикаи манзил. Тарбияи табъи хуб ва тозаю озода нигоҳ доштани манзил. Эстетикаи гузаронидани хурсандиҳои оилавӣ. Ороиши хона ва хусусиятҳои хоси он. Интихоби асбобу анҷоми хона. Истифодаи дуруст ва самараноки асбобҳои рӯзгор. Ҷобаҷогузории таҷҳизоти хона. Маданияти истироҳат дар манзил.

Пӯшидани сару либос ва мувофиқати он ба синну сол, фаслҳои сол ва ҷамъомадҳои расмӣ. Риояи талаботи муд.

**Дарси амалӣ-** Фикру ақидаҳои шунавандагон оид ба мавзуи “Маърифати рӯзгордорӣ ва нигоҳдории манзил”(аз таҷриба).

**Мавзуи 19. Роҳу усулҳои омӯзиши мавзуи “Муносибати зану шавҳари ҷавон”.** Маърифати баланди оиладорӣ –асоси зиндагии хушбахтона. Самимият ва ҳамдигарфаҳмӣ барои ташкили ҳаёти оилавӣ. Мутобиқ гаштан ба шароити нави зиндагӣ. Саодату эҳтиром ва паймони зану шавҳари ҷавон-омили пойдорӣ ва мустаҳкамии оилаи ҷавон. Зиндагии хушбахтонаи навхонадорон –ҷавҳари пойдорӣ ва рушди оилаи ҷавон.

**Дарси амалӣ-** Фикру ақидаҳои шунавандагон оид ба мавзуи Муносибати зану шавҳари ҷавон. Ба вуҷуд овардани муҳити солим дар оила. Якдигарфаҳмӣ ва таҳаммулпазирӣ (аз таҷриба).

**Мавзуи 20. Методикаи таълими мавзуи "Муносибат бо падару модар ва аъзои оила".** Муносибати зану шавҳари ҷавон бо падару модар таҳлили муқоисавӣ. Муносибати келину хушдоман дар оила. Муносибати аъзои оила барои анҷом додани корҳои дастаҷамъонаи хона. Риояи расму оин ва арзишҳои миллӣ дар оила. Машварат ва маслиҳат бо падару модарон ва аҳли оила. Ба вуҷуд овардани фазои солим дар муносибати байни аҳли оила.

**Дарси амалӣ -** Фикру ақидаҳои шунавандагон роҷеъ ба мавзуи "Муносибат бо падару модар ва аъзои оила": методҳо ва роҳҳои муносибати байни ҳамдигар.Ташаккул додани муносибати неки аҳли оила (аз таҷриба).

**Мавзуи 21. Методикаи омӯзиши мавзуи "Тарбияи оилаҳои ҷавон дар рӯҳияи меҳмондорӣ ва меҳмоннавозӣ"**

Масъалаи меҳмоннавозӣ дар осори адибон. Истиқбол ва қабули меҳмон. Одоби муошират бо меҳмон. Маданияти рафтору гуфтор дар ҳузури меҳмон. Оростани дастурхон барои меҳмон. Гиромӣ доштани меҳмон ва ба ҷо овардани иззати ӯ. Меҳмоннавозии расмӣ. Маданияти ба меҳмонӣ рафтан. Одоби дар меҳмонӣ будан.

**Мавзуи 22. Методикаи омӯзиши мавзуи "Маданияти сайругашт ва истироҳати оилаҳои ҷавон"**

Тартиб додани нақшаи истироҳат ва сайру гашт. Ташкил намудани сайру гашти бофароғат. Ташкили истироҳат дар муҳити оила. Муайян намудани андозаи сарфи буҷа барои сайругашт ва истироҳати оилавӣ. Ташкили сайругашти оилавӣ ба маҳалҳои таърихию фарҳангии кишвар, театру осорхонаҳо ва аҳамияти тарбиявию ахлоқии он. Ҷашн гирифтвни идҳои оилавӣ дар ҳалқаи аҳли хонавода. Роҳ надодан ба сарфи зиёдатӣ ва харҷи беҳуда ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оилавӣ, сайругашт ва истироҳат. Танзими ҷашнҳои оилавӣ ва худдорӣ аз исрофкорӣ. Самаранок гузаронидани рӯзҳои истироҳат ва рухсатии меҳнатӣ. Пасандози оилавӣ- шарти муҳим ва зарурӣ барои ташкили истироҳати мақсаднок. Осори бузургон дар бораи аҳамияти сафар кардан ва натиҷаи он. Мувофиқати сарулибос ҳангоми сайру гашт ва рафтан ба театру осорхонаҳо. Маданияти рафтор дар куча, марказҳои фарҳангӣ, фароғатӣ ва дар ҷойҳои дигари ҷамъиятӣ.

**Мавзуи 23. Методикаи омӯзиши мавзуи “Сабабҳои вайрон шудани оилаҳои ҷавон ва пайомадҳои он”**

Мулоҳизакорӣ, боандешагӣ, таҳаммулпазирӣ, сабру тамкин дар оилаҳои ҷавон. Эҳтироми арзишҳои оилавӣ, одобу ахлоқ, эҳтироми аъзоёни оила ва пос доштани он. Роҳ надодан ба шитобкорию саросемагӣ дар муносибатҳои оилавӣ. Ба ҳисоб гирифтани имконоти молиявии оила ва пешгирии низоъ дар оила. Одатҳои номатлуби яке аз тарафҳо: носкашӣ, сигоркашӣ, майнушӣ, нашъамандӣ, дуздӣ, фанатизм, бепизандӣ ва ғайраҳо-омили ба миён омадани низоъҳои оилавӣ. Оқибати манфии моҷароҳо ва роҳҳои пешгирии он.

**Мавзуи 24. Методикаи омӯзиши мавзуи «Роҳҳои пешгирии низоъ дар оила»**

Сабабҳои асосии сар задании ихтилофи байни зану шавҳар ва низоъҳои оилавӣ. Бо тамкину бурдборӣ ва мулоҳизаву меҳрубонӣ ҳал кардани мушкилоти оилавӣ. Иваз кардани баҳсу талош ва хашму ғазаб ба навозишу меҳрубонӣ ва эҳтиром. Машварат ва маслиҳати падару модар. Оштӣ додани зану шавҳари ҷавон- вазифаи муҳими падару модар. Истифода аз таҷрибаи рӯзгор. Роҳҳои ҳалли мушкилоти оилавӣ ва ҷилавгирӣ аз низоъ ва нифоқ.

**Мавзуи 25. Методикаи омӯзиши мавзуи “Таваллуди фарзанд ва фароҳам овардани шароит барои рушди кӯдак”**

Мақоми оила дар ташаккули шахсияти кӯдак. Оғози тарбияи тифл аз батни модар. Қонеъ гардонидани талаботи кӯдак ва рушди он тавассути барқароршавии муносибати ӯ бо калонсолон. Риояи реҷаи муайяни хӯрокдиҳӣ ва хобондани кӯдак. Инкишоф ёфтани аввалин нишонаҳои нутқи кӯдак дар рафти муошират бо калонсолон. Нақши оила ва муносибатҳои оилавӣ дар рушди фарзанд. Вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ ва таъсири манфии он дар ташаккули кӯдак. Таъсири муҳити иҷтимоӣ ба рушди кӯдак. Таъсири манфии муҳити носолим ба рушди кӯдак. Андеша, гуфтор ва рафтори падару модар-намунаи ибрат барои фарзанд.

**Мавзуи 26. Методикаи омӯзиши психологияи кӯдак ва мушкилоти тарбия**

Калиди аслии таълиму тарбияи фарзанд-дарки шахсият ва хусусиятҳои психологии кӯдак. Тарбияи дурусти кӯдакон дар муассиса аз тарафи омӯзгорон ва дар оила аз тарафи падару модар. Раванди дурусти таълиму тарбияи насли наврас, омӯзиши масъалаҳои таълимӣ, шинохти шахсияти кӯдак- ҳамчун дастоварди беҳтарин дар раванди таълиму тарбия. Роҳу усулҳои ҳавасмандкунӣ ва танбеҳ дар раванди тарбия. Усулҳои муошират ва ҳамкорӣ байни омӯзгор ва хонанда. Талаботи психологияи кӯдак дар синни хурди мактабӣ. Суръати

инкишофи нутқи кӯдак дар давраҳои синнусолӣ. Рушди худбаҳодиҳии кӯдак дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ. Пешгирии ҷараёни нодурусти таълиму тарбияи кӯдакон дар давраҳои гуногуни синнусолӣ. Ситоиши ҷанбаҳои мусбати рафтори кӯдак. Фаҳмонидани кори манфии кӯдак ва оқибатҳои он. Ҳамкории падару модар бо равоншинос барои бартараф кардани мушкилоти равонии кӯдак. Махфӣ нигоҳ надоштани мушкилоти кӯдак аз равоншинос. Роҳ надодан ба лату кӯби кӯдак. Тарсонидани кӯдак- иштибоҳи бузурги падару модар ва омӯзгор. Реҷаи дурусти хобу хӯрок- омили саломатии кӯдак.

**Мавзуи 27. Методикаи омӯзиши мавзуи "Аҳамияти таълиму тарбия дар ташаккули тафаккур ва шахсияти кӯдак"**

Таълим ва тарбияи кӯдак вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ. Қоидаҳои муҳим дар тарбияи кӯдак. Устодони аввалини кӯдак модар, падар ва баъд омӯзгор. Методҳои таълим ва тарбияи кӯдак. Баҳисобгирии хусусияти равонии кӯдак дар давраҳои гуногуни синнусолӣ. Рушди босуръати нутқи кӯдакони синну соли мактабӣ. Тарзи муносибат ва ҷавоб ба саволҳои бешумори кӯдак. Зарурати донистани зинаҳои инкишофи тафаккури кӯдак. Омӯзиш ва тарбия дар оила ва муасси. Роҳҳои ташаккули тафаккури кӯдак. Оқибатҳои беаҳамияти падару модар дар тарбия ва таълими кӯдак.

**Мавзуи 28. Методикаи омӯзиши мавзуи "Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"**

Мафҳуми ҳуқук ва уҳдадорӣ. Модар- бадунёовардаи насли башар. Фарзанд-такягоҳ ва қудрати оила. Фарзанди тандуруст, хирадманд, хушзеҳн ва боодоб- ифтихори оила ва ҷомеа. Муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Таснифоти умумии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар. Масъулияти падару модар дар иҷро кардани уҳдадориҳои худ.

Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд. Таълим – фаъолияти якҷояи мақсадноки омӯзгор ва хонанда дар ҳамкорӣ бо падару модар. Тарбия-раванди бошуурона ва мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар. Уҳдадориҳои падару модар дар таълим, ҳифзи саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, равонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва касбомӯзии фарзанд. Интихоби муассисаи таълимӣ ва шаклҳои таҳсили фарзанд аз ҷониби падару модар. Шаклҳои тарбия ва ҳуқуқи фарзанд. Ҳуқуқи кӯдак ба ном, насаб ва номи падар. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзанд аз ҷониби падару модар. Ҳуқуқи молумулкии кӯдак.

**Мавзуи 29. Методикаи омӯзиши мавзуи ухдадориҳои фарзандон назди падару модар**

Ухдадориҳои фарзанди болиғи қобили меҳнат дар нигоҳубин ва парастории падару модар. Саркашии фарзанд аз нигоҳубинии падару модар ва оқибатҳои ҳуқуқии он. Муқаррароти қонунгузорӣ оид ба пардохти алимент барои нигоҳубинии падару модар. Риоя ва ба ҷо овардани анъанаҳои миллӣ дар масъалаи нигоҳубинии падару модар. Осори бузургон дар бораи эҳтиром ва гиромӣ доштани падару модар.

**Мавзуи 30. Методикаи омӯзиши мавзуи танзим ва банақшагирии оила**

Ғамхорӣ нисбат ба оила-яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат. Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. Танзими оила-солимии модар ва имконоти иқтисодӣ. Банақшагирии оила – тандурустии модару кӯдак. Сиёсати демографӣ ва банақшагирии оила. Пешгирии ҳомилашавӣ на бо роҳи исқоти ҳамл. Риояи фосилаи таваллуд – кафолати солимии фарзанду модар. Танзими оила-омили паст шудани сатҳи фавти кӯдакон, таҳкими саломатии модару кӯдак. Масъалаҳои демографӣ дар ҷаҳони муосир.

**Мавзуи 31. Методикаи омӯзиши мавзуи бемориҳои сирояткунадаи ҷинсӣ ва роҳҳои пешгирии онҳо**

Риояи гигиена, беҳдошт, этика ва эстетика дар оила. Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва маърифатнокии наврасон оид ба ҷанбаҳои саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи касалиҳои сирояткунанда.

Бемории ВНМО. Роҳҳои пешгирии истеъмоли машрубот ва маводи нашъадор аз ҷониби наврасон ва ҷавонон. Роҳҳои мубориза бо бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда.

Ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандони бо вируси норасоии масунияти одам ва ё ба инфексияи вируси норасоии масунияти одам мубталошуда. Ташхис барои вируси норасоии масунияти одам. Махфӣ будани натиҷаи ташхис. Роҳҳои сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам. Роҳҳои гузаштани вируси норасоии масунияти одам ба одами дигар.

Ташкили тарзи ҳаёти солим. Гирифтани дониш, касбу ҳунар, баланд бардоштани маънавиёт, мусаллаҳ будан бо ҷаҳонбинии илмӣ-аз шаклҳои муҳими ташкили ҳаёти солим. Риояи тарзи ҳаёти солим-омили беҳдошти зиндагӣ. Қоидаи риояи тақозои ҳаёти солим. Варзиш-гарави саломатӣ ва тарзи ҳаёти солими инсон.

**Мавзуи 32. Омӯзиши истифодаи технологияи муосир дар ҷараёни дарсҳои фанни «Маърифати оиладорӣ»**

Маълумоти умумӣ дар бораи технология ва методҳои умумии муосири таълимӣ. Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар таълими фанни "Маърифати оиладорӣ". Технологияи таълими хонандамеҳвар дар ҷараёни дарсҳои "Маърифати оиладорӣ". Технологияи таълими интерактивӣ. Роҳу усули машғулиятҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ дар дарсҳои "Маърифати оиладорӣ". Тарзи гузаронидани лаҳзаҳои дамгирӣ дар дарсҳои номбурда. Истифодаи методҳои таълими фанни фанни "Маърифати оиладорӣ"дар муносибати босалоҳият ба таълим. Роҳу усулҳои ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таълим додани методҳои ҳозиразамон. Шарҳу маънидод намудани усулҳои гуногун ва истифодаи дурусти онҳо дар дарс. Бо мисолҳо шарҳу тавзеҳ додани тарзу роҳҳои ба хонандагон фаҳмонидани методҳои номбурда (аз таҷриба).

**Мавзуи 33. Роҳу усулҳои омӯзиши мавзуи «Фарҳанги издивоҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** Истифодаи методҳои муосири таълимӣ дар омӯзиши мавзуи «Фарҳанги издивоҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Тоҷикон ва фарҳанги оиладорӣ пеш аз Истиқлолияти давлатӣ. Расм ва оини тоҷикон нисбат ба барқарории оила дар даврони Истиқлолият. Муқоиса ва таҳлили фарҳанги оиладории тоҷикон бо дигар кишварҳои ҷаҳон. Маҳри зан, меъёр ва миқдори пардохти он. Боварҳои динии тоҷикон нисбат ба моҳият ва пардохти маҳри зан. Фарҳанги қаноатмандӣ дар оилаи тоҷик. Нақши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзми анъана ва ҷашну маросим.. дар танзими муносибатҳои оилавӣ.

## Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ:

**Мавзуи 1. Омӯзиши роҳу усули ҳифзи оила аз дучор шудан ба ифротгароӣ (Экстремизм)**

Ифротгароӣ, (Экстремизм) падидаи глобализатсияи сиёсӣ. Гаравидани бисёре аз ҷавонон дар оилаҳо ба ҳаракатҳои дорои хусусияти экстремистӣ. Гароиш ба ифротгароӣ ҳамчун ноамн кардани ҷаҳон. Даҳшату бесуботиро ба вуҷуд овардани ин амали ғайриинсонӣ. Ба ягон дину мазҳаб алоқаманд набудани амали ифротгароӣ. Намудҳои ифротгароӣ: сиёсӣ (давлатӣ ва идеологӣ) ва идеологӣ (динӣ, миллӣ-этникӣ).

Суханони ибратомӯзи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси аъмолҳои зишти ифротгароӣ ва террористӣ. Таҳдиди аъмоли зишти ифротгароӣ ба истиқлолияти давлатӣ.

**Мавзуи 2.** Методикаи омӯзиши мавзуи “Тарбияи оилаҳои ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ”

Масъалаи муҳаббати Ватан дар осори адибон. Суханони ибратомӯзи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аҳамияти ватандӯстию меҳанпарстӣ. Рисолати асили омӯзгори муосир дар тарғиби арзишҳои миллӣ.

**Мавзуи 3.** Роҳу усулҳои омӯзиши мавзуи «Меъёрҳои хушбахтӣ дар оиладорӣ»

Моҳияти хушбахтӣ дар оила. Роҳи ба даст овардани хушбахтӣ дар оила. Рамзи муваффақияти оилаҳои солим ва бардавом. Меъёрҳои оилаи хушбахт аз назари дин. Оилаи солим ва хушбахт ҳамчун боигарии давлат.

**Мавзуи 4. Мазмун ва моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим**

Мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»: (компетенсия ва компетентност). Маънии лоиқ, сазовор, шоиста буданро ифода намудани мафҳуми салоҳият. Мафҳуми салоҳиятнокӣ дар луғатҳои илмии таҳсилот. Салоҳиятнокӣ ин қобилияти ягон корро хубу самаранок иҷро намудан ва ба талаботи вазифавӣ мутобиқро ифода намудани он. Салоҳият- натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат. Ба вуҷуд омадани ташаккули салоҳият дар натиҷаи аз худ намудани дониш, малака ва маҳорат. Даҳ хусусияти раванди муносибати бо салоҳият ба таълим: масъулият, имкониятҳо, машғулият, муаррифӣ, таввакал кардан, дастурдиҳӣ (таълимдиҳӣ), аксуламал, интихоб, вақт ва арзёбӣ. Мазмун ва моҳияти ин хусусиятҳо. Роҳҳои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар ҷараёни дарсҳои маърифати оиладорӣ. Истифодаи усул, муносибат, ва воситаҳои гуногун дар таълими салоҳиятнокӣ.

**Мавзуи 5. Проблемагузорӣ дар ҷараёни дарсҳои интерактивии фанни маърифати оиладорӣ**

Таърих ва фалсафаи омӯзиши проблемавӣ. Истифодаи принсипи гузоштани саволҳои проблемавӣ аз тарафи файласуфони Юнони қадим. Санъати мубоҳисаҳои проблемавӣ аз тарафи файласуфони ҳинду Чин. Вазъияти проблемавӣ ва ба миён овардани он дар ҷараёни дарсҳои маърифати оиладорӣ дар замони муосир. Гузоштани ҳалли проблемае, ки бевосита ба мавзуи нав алоқамандӣ дорад. Ҷустуҷӯйи ҳалли вазъияти проблемавӣ ба воситаи фаъолияти якҷоя. Ташкили фаъолияти хонандагон барои дарёфти проблемаи гузошташуда. Аз худ кардани принсипҳои ҳалли проблема ва вазъияти проблемавӣ аз тарафи

хонандагон. Нуқтаи назарҳои гуногуни хонандагон барои ҳалли як масъала.

Хулоса:

- омӯзиши проблемавӣ ин:

-ташкили машғулиятҳои таълимӣ;

-дар зери роҳбарии муаллим ба миён овардани вазъияти проблемавӣ;

-фаъолияти хонандагон барои ҳал кардани вазъияти проблемавӣ мебошад.

Омӯзгори эҷодкор –коструктивист, мушовир, ташкилкунанда ва идоракунандаи таҳқиқотии кӯдак. Муҳайёкунандаи шароити мусоид барои фаъолияти кӯдак. Дастгирии омӯзгор ба ҳар як ташаббуси онҳо. Таъмини иштироки фаъолонаи хонандагон дар ҷамъ намудани маълумот аз тарафи омӯзгор. Фаъолияти омӯзгор дар кори ба хонандагон додани имконияти фикр кардан, пайваст намудани донишҳои нав. Ба «шӯр» овардани кунҷковии табии талабагон, истифодаи ҳаяҷон ва тадқиқот аз тарафи омӯзгор дар раванди таълим. Ташкили гурӯҳбандӣ, таҳлилу таҳқиқ ва арзёбии ҷавобҳои хонандагон дар ҷараёни дарси проблемавӣ аз тарафи омӯзгор. Машғулиятҳои проблемавӣ ва моҳияти онҳо дар рушди тафаккури интиқодӣ ва бархурди фикрҳои мухталиф дар раванди дарс.

Конструктивизм ин гузоштани нуқтаи назари хонанда дар мадди аввал, агар чи он «пуч» ҳам бошад. Волотар ҳисобидани раванди ба даст овардани ҳақиқат нисбат ба худи ҳақиқат.

Ташаккули шахсияти эҷодкор дар дарсҳои проблемавӣ ва ин қобилиятҳоро доро гаштани ӯ:

-мантиқан фикр кардан;

-донишҳоро омӯхта ба система медарорад;

- роҳҳои ҳалли вазъиятҳои проблемавиро муайян менамояд;

- аз ҳама гуна вазъият баромада метавонад.

**Мавзуи 6. Роҳҳои истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар омӯзиши мавзуи «Оилаи солим – ҷомеаи солим»**

Усулҳои фаъоли таълим ва моҳияти онҳо. Аҳамияти истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар ҷараёни дарсҳои маърифати оиладорӣ. Усулҳои «Тартиби Кластер», « Диаграммаи Венн», «Рӯзномаи дубахша», «Нақшофарӣ» ва роҳҳои истифодабарии онҳо дар омӯзиши мавзуи мазкур. Оила сохтори ҷомеа. Бунёди оилаи солим. Омилҳои асосии устувории оила. Вазифаҳо ва уҳдадориҳои волидайн ва фарзанд дар оила. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».

## Адабиёт


1. Абдураҳмонир Умрон. Танзими оила дар ислом. – Душанбе. 1999-с. 14-30.
2. Акмали Эҳсон. Асрори хушбахтии оила.- Душанбе. Ирфон. 2008.- с.112.
3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ.- Китоби 1.- Душанбе Дониш 1988.- с. 40-61.
4. Ғаффуров Б. Ғ. Тоҷикон. Китоби 1. Душанбе. Ирфон 1998.- с. 73.
5. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти . - Душанбе. 2014.
6. Джалилов А. Из истории положения женщины Средней Азии до и после распространения ислама. Душанбе 1974.
7. Додарзода И. Оилаи солим ҷомеаи солим.- Душанбе// Ваҳдат, 2015. №7 (255)
8. Качанова О. И. Семейные кризисы и пути их преодоления // Молодой ученый.- 2011.- № 10.- Т. №2.- С.141-145.
9. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикстон.- Душанбе 13.11.1998 №683
10. Конститутусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2016.
11. Кулакова Т.А. Семейная педагогика и домашнее воспитание.- М., 1999
12. Куръони Карим (Тарҷума ба забони тоҷикӣ).- Душанбе 2013. с. 1226.
13. Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ.- Душанбе. «Сино»,2004.- с. 113.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имконипятҳои баробарии амалигардонии онҳо. – Душанбе, 1.03. 2005, № 89.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Душанбе. 2017.
16. Қурбиддинов Ф. Бунёди оила. // «Баҳори Аҷам», 12.07.2015.
17. Маҳкамов С. Офариниши симои инсон дар достонҳои ҳамноми “Лайлӣ ва Маҷнун”.- Душанбе. Дониш 1995. с. 176.
18. Маҳкамов С. Тарбия вазифаи ҷамъиятист. Адаб . 1998. № 4-6.- с. 45-47.
19. Маҳмудов М.А ., Менгилев Ш.М. Ҳуқуқи хусусии римӣ.- Душанбе. 2004. с. 37.
20. Миралиев А., Давлатов М. Педагогика ва психология. Душанбе. Ирфон. 2007. с344.
21. Мирзозода Ғ. Масъулияти падару модар дар тарбияи фарзандон. Душанбе 2014. с. 15.
22. Миронов А.В. Сотсологии курс лексии. – М. Сотполит. жур. 1996. с. 217.
23. Мудрости воспитания. Книга для родитилей 1987.

24. Нақши занон дар рушди адабиёту фарҳанг // мураттиб: С. Воҳид. Душанбе. ИШМХ-и АИ ҶТ.
25. Паёми ҳамасолаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ , Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
26. Психология зери таҳрири Давлатов М.Душанбе Собириён. 2010. с. 336
27. Раҳимзода Х., Ёрмуҳаммадзода Ш., Назирова Л., Амонов Н. Маърифати оиладорӣ. китоби дарсӣ барои синфи 10. Душанбе. Маориф .2015.
28. Раҷабӣ С. Асоси пойдории оила. Душанбе.Мароми пойтахт. №19 (366), 2015.
29. Рубинштейн С.Л. Основы общие психологии .С. П. б: «Питер» 2002 с… 507.
30. Саидмуҳаммад Хомаӣ. Ҳуқуқи зан. Муқоисаи ҳуқуқи башарӣ ва мадании зан дар ислом ва эъломияи ҳуқуқи башар . Чопи Эрон, 1348. (2002)
31. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт.-Душанбе, 1982.
32. Табаров С. Оила ва вазифаҳои хонадорӣ аз назари А. Фитрат. Душанбе 2003. с. 160.
33. Тоҳиров Ф., Холиқов А. Шариат ва танзими муносибатҳои никоҳ ва ҷомеа..Душанбе: Дировар (ДДМТ), 1999. с. 52-62.
34. Ҳикмати Таҳаммул. – Душанбе: Ирфон, 2014.
35. Шоихтиёров Х. Сотсиалная философия Насриддина Туси. – Душанбе Ифон, 1986. с.. 240.
36. Э Раҳмон Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад. Душанбе. 2013. с… 295.
37. Э Раҳмон.Танзими оила кафолати рушди устувори ҷомеа . – Д: «Шарқи озод». 2002 –с. 16

Ба матбаа ________ супорида шуд.
Ба чоп ____________ иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ ____
Теъдод ___________ нусха.